## Тақриз

**ба авторефирати диссертатсияи Файзова Тахмина Иззатуллоевна дар мавзуи «Таҳлили семантикӣ-коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ» (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев) барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Диссертатсияи Файзова Тахмина Иззатуллоевна «Таҳлили семантикӣ- коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ» (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев) ба яке аз масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ, яъне омӯзишу пажуҳиши воҳидҳои ифодакунандаи одоби муҳоварат дар асоси осори Фазлиддин Муҳаммадиев бахшида шудааст.

Дар баробари пешрафти ҷомеа ва ҷаҳонишавии фарҳангу тамаддунҳо дар илми забоншиносӣ низ масъалаҳои нав пайдо мешаванд. Воҳидҳои ифодакунандаи одоби муҳоварат дар забони тоҷикӣ мавкеи муайянро ташкил медиҳанд. Хушмуомилагӣ одати деринаи мардуми тоҷик ба ҳисоб рафта, истифодаи ин гурӯҳи калимаҳо дар осори пурғановати шоиру нависандагони тоҷик аз ин далолат медиҳанд. Аксарияти ин воҳидҳо гарчанде то айни замон дар гуфтори мардуми тоҷик ҳифз шуда бошанд ҳам, аммо як қисми дигарашон бо мурури замон ҷойи худро ба калимаву истилоҳоти иқтибосии бегонаву гӯшхарош додаанд.

Воҳидҳои ифодакунандаи одоби муҳоварат пайдоиши хеле куҳан дошта, сарчашмаи худро аз давраҳои аввали пайдоиши забони форсӣ -тоҷикӣ мегиранд. Муайян намудани хусусиятҳои семантикӣ-коммуникативии навъи калимаҳо аз ҷониби муҳаққиқон машаққати зиёдеро талаб менамояд Гарчанде омӯзишу пажуҳиши воҳидҳои ифодакунандаи одоби муҳоварат аз ҷониби муҳаққиқон ба назар расанд ҳам, аммо он таҳқиқҳо омӯзиши ҷанбаҳои ҳаматарафаи мавзуи мазкурро фаро гирифта наметавонанд. Таҳқиқи воҳидҳои ифодакунандаи одоби муҳоварат дар асоси осори адибони тоҷик , то андозае аз назари муҳаққиқон дур мондааст, аз ин лиҳоз пажуҳиши мавзуи мазкур дар айни замон актуалӣ арзёбӣ мегардад.

Муқаддимаи диссертатсия тибқи талаботи навишти корҳои илмӣ таҳия гардидааст. Мақсаду вазифаҳо ва нававарии таҳқиқ, арзиши назариявию амалӣ, методу усулҳои таҳқиқ муайян гаридида, масоиле, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад, нишон дода шудааст.

Боби якуми диссертатсия, ки «**Асосҳои назариявии одоби муҳоварат»** номгузорӣ шуда, аз шаш фасл иборат аст. Дар ин боб диссертант назари хешро ба омӯзиши назарияҳои олимону донишмандоне, ки таҳқиқҳои хешро ба одоби муҳоварат бахшидаанд, баён намудааст. Инчунин, роҷеъ ба намудҳои одоби муҳоварат маълумоти муфассал оварда тавонистааст.

Дар ин боб, инчунин, хусусиятҳои миллӣ ва фарҳангии одоби муҳоварати тоҷикиро нишон дода, зикр намудааст, ки дар асри XX формулаҳои одоби муҳоварат ба авҷи инкишофи худ расида, дар

адабиёти тоҷик пурра инъикос ёфтаанд. Одоби муҳоварат, ки бо урфу одат, табиату завқи эстетикии мардум алоқаманд аст, бо махсусиятҳои миллӣ ва фарҳангӣ фарқ мекунад. Воҳидҳои одоби муҳоварат, бинобар такрори пайваста дар асноҳои маъмулии муоширати мустақим дар шакли стереотипҳо, ифодаҳо, қолабҳои устувори муошират вуҷуд доранд. Тарзи муомила аз насл ба насл риояю мустаҳкам ва интиқол гардида, ба фарогирии маросим, анъана, намунаҳои муносибатҳои миллию фарҳангӣ мусоидат мекунад.
Дар боби дуюм, ки «**Воҳидҳои мурочиат дар системаи одоби муҳоварат**» унвон дорад рисоланавис ба баррасии масъалаҳои пайдоиш ва корбасти шаклҳои мурочиат дар забони тоҷикӣ ва вижагиҳои истифодаи мухотаб дар осори Ф. Муҳаммадиев даст задааст. Дар ин боб муҳаққиқ бештар воҳидҳои ифодакунандаи одоби муҳоваратро дар вобастагӣ бо илми наҳв таҳлилу таҳқиқ намудааст. Инчунин, дар сохтори семантикии мухотаб ҷузъҳои асноӣ коммуникативиро нишон дода тавонистааст.

Боби сеюм «**Хусусиятҳои услубии воҳидҳои одоби муҳоварат дар осори Ф. Муҳаммадиев**» ба таҳлилу таҳқиқи гурӯҳҳои асноӣ-мавзуии одоби муховарат бахшида шудааст. Рисоланавис дар ин боб бештар диққати худро ба воҳидҳои ифодакунандаи хайрухуш равона сохта, бо як маҳорату истеъдоди беҳамто бо истифода аз фарҳангҳо маънои луғавии ҳар яке аз онҳоро нишон дода тавонистааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар 13 банд ҷамъбаст карда шудаанд. Муҳтавои диссертатсия дар 6 - мақола, аз ҷумла, 4 - мақолае, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст, инъикос ёфтааст.

Дар фишурдаи диссертатсия баъзе камбудиҳо ҷой доранд, ки таъкиди онҳоро бамаврид мешуморем:

1. Хуб мешуд агар муҳаққиқ дар боби дуюми диссертатсия як ду фасли дигар илова менамуд, дар ин ҳол дар бобҳо мувозинат дида мешуд. Зеро боби якум аз шаш фасл ва сеюм аз ҳашт фасл иборат буда, танҳо боби дуюм аз ду фасл хотима ёфтааст.

2. Гарчанде тарҷумаи аксарияти калимаву истилоҳоти истифоданамудаи муҳаққиқ аз қабили система, принсип ва семантика бо гунаҳои низом, мабдаъ ва маъно дар забони тоҷикӣ ба назар расанд ҳам, аммо муҳаққиқ аз чӣ сабаб бошад аз истифодаи онҳо худдорӣ намудааст.

2. Дар фишурдаи диссертатсия дар саҳифаҳои 10, 15, 17, 22 ғалатҳои техникиву имлоӣ ба назар мерасанд.

Ғалатҳои мавҷудбуда сифати корро коста нагардонида, ҳамин тариқ, диссертатсияи Файзова Тахмина Иззатуллоевна дар мавзуи «Таҳлили семантикӣ- коммуникативии воҳидҳои одоби муҳоварат дар асари бадеӣ» (дар заминаи осори бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев) барои

дарёфти дарёфти дараҷаи номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва барои дифоъ тавсия дода мешавад.

**Муқарриз**
Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва
рӯзноманигории Донишгоҳи
байналмиллалии забонҳои
хориҷии Тоҷикистон Абдуллоева Г.З.

**Маълумот барои тамос**
Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино, кӯчаи Испечаки 1.
Хонаи № 2, ҳуҷраи №3.
Тел: 917 11 64 26
T-mail: dusanbedusanbe 68@gmail. com

Имзои Абдуллоева Гулрухсор-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДБЗХТ
ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Б.Ғ.

РАЕСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6
Тел:+2325029
T-mail: ddzt@ddzt.tj

Сана: "26" августи с. 2024